**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 12864/13.1-8 аз « 06 08 соли 2020

Ба №__________ аз «___»______________ соли 20___

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба баҳсҳои судӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар натиҷаи таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз муайян гардид, ки мактубҳои дастурии Кумитаи андоз ҷиҳати таъмини иҷрои санадҳои судие, ки иҷроиши онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор карда шудааст, инчунин риоя накардани талаботи қонунгузорӣ ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ, боиси зиёд гаштани баҳсҳои беасоси судӣ байни мақомоти андоз ва андозсупоранда гардида истодааст.

Масалан, дар давоми нимсолаи якуми соли 2020 дар судҳо оиди масъалаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти андоз 48 адад баҳсҳо ба маблағи 96,3 млн. сомонӣ мавриди баррасӣ қарор доштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 адад зиёд мебошад.

Ба ғайр аз ин, вақтҳои охир аз ҷониби мақомоти прокуратура ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба судҳои иқтисодӣ оид ба рӯёнидани маблағи қарзи андозҳои аз ҷониби андозсупоранда эътирофгардида аризаҳои даъвогӣ пешниҳод карда мешаванд, ки боиси халалдор гардидани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ба миён омадани нофаҳмоиҳо дар мақомоти судӣ ва андоз мегарданд.

Дар давоми солҳои 2016-2019 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба судҳои иқтисодӣ оид ба рӯёнидани маблағи қарзи андозҳои эътирофшудаи андозсупорандагон 163 адад аризаҳои даъвогӣ ба маблағи 135 млн. сомонӣ пешниҳод карда шуда, аз ҷониби судҳо ҳалномаҳои судӣ қабул гардида, барои таъмини иҷро ба мақомоти андоз ирсол карда шудаанд.

Бинобар ин, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанберо зарур аст, ки якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи тартиби судӣ танҳо оид ба руёнидани маблағи қарзи андозҳои баҳснок чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон, ҳолати иҷрои санадҳои судии қабулгардида аз ҷониби мақомоти андоз ғайриқаноатбахш буда, оиди иҷрои ҳалномаҳои судии қабулгардида аз ҷониби мақомоти андоз ба таври дахлдор чораҷӯӣ карда нашудааст.

Масалан, дар асоси ҳалномаҳои Суди иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2016-2019 дар 41 ҳолат аризаҳои даъвогии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати қарзҳои эътирофшуда ба маблағи 62,4 млн сомонӣ қонеъ карда шуда, аммо аз ин ҳисоб ба буҷет танҳо 4,5 млн. сомонӣ ворид карда шудааст халос.

Дар вилояти Хатлон бошад, дар ин давра аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба Суди иқтисодии вилояти Хатлон нисбати қарзи андозҳои эътирофгардидаи 95 адад андозсупоранда ба маблағи 39,7 млн. сомонӣ аризаҳои даъвогӣ пешниҳод карда шуда, ҳалномаҳои судӣ қабул гардида, то ба ҳолати имрӯза аз ин ҳисоб ҳамагӣ 15,2 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст халос.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки иҷрои санадҳои судии қабулгардидаро таъмин намуда, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда нисбати ҳар як санади судӣ дар алоҳидагӣ ба Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ пешниҳод намояд.

Дар баробари ин, такроран ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки бо мақсади пешгирии баҳсҳои беасоси судӣ байни мақомоти андоз ва андозсупоранда аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз пешниҳоди ариза ба судҳо (ба истиснои ариза оид ба ситонидани қарзи андоз аз ҳисоби молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ) ва оғози парвандаҳои судӣ, инчунин пешниҳоди маводҳо оид ба маблағи қарзи андозҳои эътирофгардида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ манъ буда, дар ҳолатҳои истисноӣ танҳо баъд аз мувофиқаи хаттӣ бо Кумитаи андоз ба роҳ монда мешавад.

Дар баробари ин, таҳлили барномаи компютерии СМИИА "Назорати баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ" нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз баҳсҳои судии ҷойдошта ба барномаи мазкур ворид карда намешаванд, ки ҳолати мазкур назорати дуруст ва таъмини иҷрои ҳалномаҳои судӣ, иҷроварақаҳои судӣ ва дигар санадҳои судие, ки иҷроиши онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузоршударо душвор ва ҷамъбасти ҳисобот оид ба рафти баҳсҳои андозӣ дар судҳоро ғайриимкон месозад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки парвандаҳои баҳсҳои судии ҷойдоштаро пурра ва сари вақт дар моҳи ҳисоботӣ ба барномаи компютерии СМИИА "Назорати баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ" ворид намоянд.

Инчунин, сардорони раёсатҳо ва нозиротҳои мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дастури мазкурро дар ҷаласаҳои корӣ мавриди баррасӣ ва иҷроиш қарор дода, камбудиву норасоиҳои дар ин самт ҷойдоштаро бартараф намоянд. Хотиррасон менамоем,ки иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботҳои мазкур асос барои татбиқи чораҳои қатъии интизомӣ нисбати сардорони раёсатҳо, нозиротҳои андоз ва дигар шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз мегардад.

Раис Н. Давлатзода